Абдурофеъ
Рабеъзода

# Ҳафт кӯл



https://bikhon.tj/

Мое шоуд
Р-12



Абдурофеъ
РАБЕЪЗОДА

# Ҳафт-кӯл

Китобхонаи ... Ҷумҳурии Т... ба номи М. Ми...
12344

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2003

https://bikhon.tj/

Муҳаррир *М.Хоҷаев*
Рассом *Б.Олимов*

Китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст.



A $\frac{4803000000-10}{M\ 503 - 2003}$ – 2003

© А.Рабеъзода, 2003

https://bikhon.tj/

Аз қадим ривояте омада, ки «падар се ва аз он беш духтар дошта бошаду меҳрубониву дилсӯзиро аз онҳо дареғ надорад, волотарин инсон аст...»

Шоҳ бошад аз се духтар зиёд дошт, яқинтараш духтарони вай ба ҳафт мерасид.

Мегуфтанд, ки худованд бар ивази адолаташ ин миқдор духтарро ато карда, баҳри шоҳ.

Намунаи фитрату адолат буд шоҳаншоҳ. Ва сарзаминаш биҳишти анбарсиришти рӯи заминро ёд меовард. Ва ҳавои дидани мулки варо доштанд мардуми зиёд. Хоса, орзуи дидани духтарони вай ошён гузошта буд дар дили ҳар ҷавон. Аз духтарони вай саратар ва ширинтар духтар набуд дар рӯи замин. Ва ҳар ҷавон мехост бо ин духтарон ҳамқисмату ҳамхона бишавад. Аз ин боис хостгор мефиристоданд муттасил ба хонаи шоҳаншоҳ, дасти духтарони варо мехостанд. Ҳатто онҳое хостгор мефиристоданд, ки духтаронро надида буданду вале овозаашонро шунида ва ғоибона бар онҳо дил бохта буданд.

Ва боре ҳатто чунин шуд, ки ҳафт бародар хостгор фиристоданд ба хонаи падари духтарон. Ҳафт бародаре хостгор фиристоданд, ки аз мулки дигар буданд.

Омадани хостгор бар хонаи духтардор аз чизҳои муқаррар бошад. Ва хуб ҳам мешуд агар ҳафт хоҳар ба хонадони гуногун наафтода, парешон нашуда, ба ҳафт бародар ҳамхона ва дар як манзил арӯс мегаштанд.



https://bikhon.tj/

Бале хуб мешуд, фақат агар ҳафт бародар, ки ба хостгории ин ҳафт духтар омада буданд, зулмпешаю ҷаббор намебуданд. Ва зулмпешаю ҷаббор буданд ҳафт бародар, ки барои духтарони шоҳаншоҳ хостгор фиристода буданд. Ва ҳафт бародар бар падари худашон шабоҳат доштанд ва падарашон Золимшоҳ лақаб гирифта буд. Ва дар мулки Золимшоҳ нисбати ниҳолони мевабахш дорҳо беш буданд. Кундаҳои сарбурӣ ин ҷо беш буданд нисбати посутуни иморатҳо. Қабристонҳо фаррох буданд нисбати масканҷойи одамон.

Акнун Золимшоҳу писаронаш мехостанд бо василаи арӯс кардани ҳафт духтари Одилшоҳ ба ҳамагон фаҳмонанд, ки онҳо золиму ҷаббор нестанд, варна Одилшоҳ намедод ҳафт духтарашро бар онҳо. «Ҳеҷ гоҳ намедод, гар ситампеша мебудем мо... Вақте ки духтаронашро дод, ситампеша нестем...»

Бале бо покии дигарон рӯпӯш кардани доғҳои худ кори сиёсатбозон ва мансабдорон бошад.

Писарони Золимшоҳ бошад, ошкор ақида доштанд: «Одилшоҳ писар надорад, пас оянда мулки вай мешавад азони мо. Азони домодҳош нашавад, азони кӣ мешавад мулки падарарӯс?..»

Одилшоҳ, ки адолату давлатдориаш дар пояи фазилату фитрат ва ҳикмат меистод, хостаҳои ниҳони Золимшоҳ ва писарони варо дарк менамуд, аз ин муҷиб ба хостгорони онҳо ҷавоби рад бидод.

— Мулки худам ҷавонмардони зиёд дорад, — изҳор намуд ошкор Одилшоҳ. — Ҷавонмардони зиёд, ки лоиқ бошанд бар духтарони ман. Ва духтарони ман ҳам хонадор мешаванд ба ҳафт ҷавонмарди диёри худам.

Мулки Одилшоҳ, дар ҳақиқат ҷавонмардони арзанда дошт, ки паҳлӯи духтарони анбарсиришти варо зеб дода метавонист. Ва Одилшоҳ аз миёни арзандаҳо, дер ё зуд, ҳафт ҷавонмардро ҷудо карда, духтаронашро бар онҳо бахшида, шумораи бахтиёрони кишварашро фузунтар карданӣ буд.



https://bikhon.tj/



https://bikhon.tj/

Дар ин миён хостгорони ҷониби писарони Золимшоҳ баргашта буданд ба мулки худашон ва расонда буданд ҷавобҳои ради Одилшоҳу духтаронашро барои Золимшоҳу писаронаш. Ва Золимшоҳу писаронаш аз шунидани ин хабар даргирифтанд, мисли забонаҳои оташи ҳамасӯз ба худ печиданд.

— Касе хостаи маро рад накарда буд, — кафиданд онҳо ва фузуданд, — агар Одилшоҳ забони хостгорони маро нафаҳмида бошад, забони тиру найзаи моро хоҳад фаҳмид. Забони тиру найзаи мо гӯётар аст аз забони хостгорони мо!..

Мурод доштанд тиру найзаашон Одилшоҳу духтарони варо вомедорад барои иҷрои хостаҳои ишон.

Ва лашкари беҳаду ҳисобе аз дунболи Золимшоҳу писаронаш ба ҳаракат омада, равон шуданд ҷониби мулки Одилшоҳ.

Ин ба рӯзҳое рост омад, ки Одилшоҳ аз миёни ҷавонмардони арзандаи диёраш ҳафт арзандаро интихоб намуда, бо духтаронаш ҳамхона карданӣ буд ва ба ин муносибат кишварро ойин баста, ҳафт шабу рӯз базми осмонкаф барпо карданӣ буд.

Чунин ҳам мешуд, агар ба мулки Одилшоҳ лашкари Золимшоҳу писаронаш ҳамла намеоварданд.

Одилшоҳ маҷбур шуд маъракаи интихоби домод ва тӯю сурро қафопарто кунаду бар ҳимояи кишвараш бархезад. Ва ҳимояи кишвар ҳоло барои ӯ маънои ҳимояи духтаронашро низ дошт.

Ва ҷавонмардони кишвари Одилшоҳ ҳамчунин камар бастанд мисли шоҳашон бар ҳимояи мулки хеш. Ҷавонмардоне камар бастанд, ки ҳар яке дар алоҳидагӣ арзанда буданд барои ҳамқисмат шудан бо духтарони Одилшоҳ.

Ва задухӯрдҳо ба вуқӯъ пайвастанд миёни лашкари Одилшоҳ ва лашкари Золимшоҳу писаронаш.

Ва Золимшоҳу писаронаш ва лашкари онон дар зулму куштор таҷрибаи фаровон доштанд-зеро асоси давлатдории онон аз зулму таадӣ иборат буд — онҳо бештар мекуштанду бераҳмӣ мекарданд.



https://bikhon.tj/

— Агар бештар накушиву таҳдид насозӣ ҷанг магар ҷанг аст?- мегуфтанд бо кафки даҳон онҳо.

Вале Одилшоҳу ҷавонони лашкараш истодагарӣ доштанд, зеро намехостанд лашкари Золимшоҳу писаронаш ба дарунтари кишвари биҳиштосо ворид шаванд.

Ва лашкари Золимшоҳу писаронаш куштору бераҳмиро беш мекарданд. Ва хоса ҷавонони лашкари Одилшоҳро мекуштанд, ки тане чанд аз онҳо оянда метавонистанд ҳамқисмату ҳамхонаи духтарони Шоҳи Одил бишаванд.

Зиёда аз ин Золимшоҳу писаронаш ҷосусон фиристода буданд ба қалби кишвари Одилшоҳ. Ва ҷосусон мебоист духтарони Одилшоҳро аз дили кишвар пайдо намуда, бо ҳиллаву найранг онҳоро бояд ба даст меоварданд, бо ҳама роҳу васоит аз хати ҷанг гузаронида, ба назди писарони Золимшоҳ мерасонданд.

Гар чунин мешуд, ғалабаи Золимшоҳу писаронаш барқсон таъмин мегашт. Зеро ин ҷангҳо нахуст барои ҳафтдухтарон буданд. Ва ҷавонмардони лашкари Одилшоҳ чун мешуниданд, ки духтарон азони писарони Золимшоҳ шудаанд, ноумеду лаккот шуда, дигар истодагарӣ накарда, титу парешон мегаштанд... Вале ҷавонмардони лашкари Одилшоҳ ҳар яке умед дошт, ки рӯзе аз духтарони Одилшоҳ яке азони вай шавад. Ва гар ин умеди ниҳони ҷавонмардон аз дил мерафт, лашкари муҳофизон титу парешон мегашт. Ва Одилшоҳ бошад, инро дида, дигар илоҷ наёфта, бо Золимшоҳу писаронаш сулҳу сафо меҷуст. Ин бошад, маъно дошт, ки сулҳу сафо меҷӯяд бо қудо ва домодшавандаҳои ояндаи худаш.

Ҳамин тур, андеша мекарданд Золимшоҳу писаронаш.

Ва ҷосусони фиристодаи онҳо дар пойтахти мамлакати Одилшоҳ пинҳонӣ пайдо шуда, ноайён гашту гузор мекарданд ва ҷойи исти духтарони нозанинро аниқ месохтанд. Баъд ба ин ҷо роҳ ёфта, духтаронро пайдо намуда, бо хокае, ки ба димоғи онҳо пошида буданд, мадҳӯш намуда, бо латтаҳо печонда, ба ҷуволҳо андохта, ҷуволҳоро бар са-



https://bikhon.tj/

мандҳо бор намуда, аз пойтахт баровwarданд. Ба ҳар пурсанда мегуфтанд, ки ҷуволҳо маводи хӯрока дораду барои лашкари Одилшоҳ мебаранд. Ва ҷониби хати ҷанг ҳаракат доштанд, ки аз масофгаҳ бигзаранд ва духтаронро бар назди Золимшоҳу писаронаш расонда тавонанд. Расонда тавонанду духтаронро бо роҳи зурӣ ҳам бошад, бандаи писарони Золимшоҳ гардонанд. Ва ҷосусон, ки духтаронро ҳоло ба хати мудофиаи лашкари Одилшоҳ расонда буданд, дар тан либоси низомии лашкари Одилшоҳро доштанд ва мегуфтанд, ки ҷуволҳои маводи хӯрдро, ки болои самандашон буда, барои пешсафони лашкари Одилшоҳ мебаранд. Инро ҳатто барои Одилшоҳу хосагони вай зоҳир намуданд, ки сари роҳашон тасодуф пайдо гашта буданд. Дар ҳақиқат ҷуволҳо амсоли маводи хӯрока метофтанд ва ҷосусон боварӣ доштанд, ки Одилшоҳу хосагонаш чизеро пай намебаранду ин монеа низ бартараф мешавад ва он гаҳ ба мулки Золимшоҳ расонидани духтарон мумкин мегардад.

Аммо Одилшоҳ аз чӣ бошад, иҷозати гузаштани «ҳаммолони маводи хӯрокаро» ба таваққуф меандохту ҳанӯз ба гап мегирифт. Ва шояд дили падаронаи вай гувоҳӣ медод, ки ин ҷо ҳиллае ниҳону бар духтаронаш дахлдор аст...

Ва овози шоҳро дар ҳақиқат яке аз духтаронаш, ки бо матое печонда, даруни ҷувол андохтагӣ буд, шунид. Аранг-аранге шунид. Зеро вай аз асари доруи мадҳушкунанда андак баромада, андаке ба худ омада буд. Духтарак ҳарчанд матоъпеч буд, ресмонпеч буд ва овозе баровардa наметавонист, аммо зӯри боқимондаашро якҷо намуда, биҷунбид. Биҷунбиду аз ин Одилшоҳ маъние бардошт. Ва Одилшоҳ баъди таваққуфе оҳиста изҳор кард:

— Маводи хӯрдании ҷунбандаро бори нахуст мебинам.

Ҷуволҳоро фаровагданду духтарони Одилшоҳро озод карданд ва ҷосусони Золимшоҳу писаронаш акнун дар банд буданд.

Золимшоҳу писаронаш аз шунидани ин бештар оташ гирифтанд, бештар ба худ печиданд ва бештар гузаштанд бар ҳуҷум. Ва бештар даст ба куштор заданд ва бештар бераҳмӣ нишон доданд.



https://bikhon.tj/



https://bikhon.tj/

Ва дар ҷанг ҳам касе, ки бештар мекушаду бераҳмӣ зоҳир мек над, ғалаба ҷониби вай майл мекунад. Зеро ҷанг бераҳмӣ кардан а ва бо роҳи бераҳмӣ ғалаба ба даст овардан аст.

Ва лашкари золимепшагон аз ин боис бештар ворид мешуданд дарунтари мулки Одилшоҳ.

Ва бар иловаи ин дастаи дигари ҷосусонро фиристода буданд З лимшоҳу писаронаш бар пойтахти Одилшоҳ. Пойтахте, ки Одилш ин ҷо духтаронашро пас фиристода буд. Дастаи ҷосусон бояд роҳу в силаҳо ёфта, духтарони Одилшоҳро ба даст оварда, бо ҳиллаву на рангҳои навбатӣ аз хати мудофиаи Одилшоҳ гузаронида, ба назд лашкари Золимшоҳу писаронаш мерасонданд. Агар чунин мешуд, б рои Одилшоҳу лашкараш дигар муттакое намемонд, то истодагари хешро идома бидиҳанд. Бале, духтарони биҳишӣ азони тарафе шуда нашон лозим буд, ки дар ин ҷанг пирӯзӣ азони он тараф мегашт.

Вале духтарон мурданро афзал медонистанд, нисбате ки азони зо лимбачагон бишаванд.

Ва духтарон, барои он ки ҷосусони Золимшоҳу писаронаш онҳор пайдо накунанд ва ба даст наоранд, қасри хосаи худро тарк гуфтан ва аз пойтахт баромада, дур рафтанд. Ва рафтанд сӯи кӯҳистони азамати диёр ва он ҷо сарпанаҳ карданӣ шуданд...

Ва чун ҷосусони Золимшоҳу писаронаш духтаронро аз қасри хосаи пойтахти Одилшоҳ пайдо накарданд ва самти рафти онҳоро муайян сохта натавонистанд, ин хабарро фиристоданд ба хуҷаинҳои худашон. Ва Золимшоҳу писаронаш аз шунидани ин бештар хашм гирифтанд ва бештар ба куштору бераҳмӣ даст заданд. Ва хоса ҷавонмардони лашкари Одилшоҳро мекушатанд, зеро гумон мекарданд, ки духтарон маҳз барои ин ҷавонмардон пинҳон шудаанд ва оянда барои ин ҷавонмардон монданианд ва барои ҳамин бонуҳо бар самти номуайян рафта, дар куҷое панаҳ шуданианд... Ва аз ин боис ҷавонмардонро боз мекуштанду мекуштанд, мекуштанду мекуштанд.



https://bikhon.tj/

Ва хабаре, ки Золимшоҳу писаронаш бештар ба куштори ҷавонмардони кишвар даст задаанд, ба ҳар роҳу васоил мерасиданд ба гӯши духтарон. Духтароне, ки дар дараҳои миёни ағбаҳо сар панаҳ карда буданд. Бале, хабари бад аз ағбаҳои осмонрас ҳам гузашта, паҳн мешудааст. Ҳатто шамолҳои роҳгузар паҳн мекардаанд хабарҳои бадро. Ва духтарон мешуниданд, ки лашкари Золимшоҳу писаронаш ба даруни кишвари падарашон ворид мешаванд.

Вале чӣ карда метавонистанд духтарони мушти пар баъди шунидани чунин хабар? Фақат дилу дидаашон бештар ба сӯзиш меомаду меомад. Ва дилу дидаашон гӯё об мешуду мерехт бар оrази онҳо. Ва аз ин оразашон ҳам мисли дилу дидаашон ба сӯзиш меомад.

— Худоё... Худоё... — илтиҷо мекарданд лабони ба ларза омадаи духтарон — Худоё...

Падари духтарон ва ҷавонмардони боқимондаи диёр ҳамоно муқобилиятро идома медоданд алайҳи лашкари Золимшоҳу писаронаш...

Вале гар ба чашми ибрат ба таърих бингарем, аксар дар ҷангу кашокашҳо бераҳмӣ ғолиб омада аз болои раҳм, беандешагӣ пирӯз шуда бар дурандешӣ, аблаҳӣ ғолиб омада бар фозилӣ. Чунин шуда. Чунин шуда, гар ба таърих бингарем бо чашми ибрат...

Ва лашкари Золимшоҳу писаронаш аз ин боис боз рахна мезаданд хати мудофиаи тангшудаи лашкари Одилшоҳро. Рахна мезаданд гоҳ аз ин ҷо ва гоҳ аз ҷои дигар. Ва ворид мешуданд бештар бар мулки Одилшоҳ.

Ва дилу дидаи духтарон бештар ба сӯзиш меомад аз хабарҳои бад. Ва бештар обу адо мешуданд духтарон.

Худи Одилшоҳ кунун захм бардошта буду вале бо азоби ҷон тоқат оварда, меистод дар сафи пеши лашкар. Мехост лашкари боқимондааш ба тамом рӯҳафтода нашавад ва то охир шикаст нахӯрад.

Аз ин боис пирӯзии барқсон муясар нашуда буд ҳанӯз барои Золимшоҳу писаронаш.



https://bikhon.tj/



https://bikhon.tj/

Ва ҷосусони онҳо дар пойтахти мамлакати Одилшоҳ пурсуҷӯйро идома медоданд, то манзили панаҳшудаи духтаронро аниқ бисозанд ва ба он ҷо бираванд ва духтаронро ба даст биёваранд.

Ва духтарон низ аз фаросати хештан дарёфта буданд, ки ҷосусони лашкари Золимшоҳ ё бахше аз лашкари писаронаш дер ё зуд ин ҷониб меоянд, онҳоро-ҳафт хоҳаронро-ба даст меоранд. Ва барои он, ки чунин нашавад ва ё дарёфтани онҳо номумкин гардад, духтарон ворид шуданд ба дарунтари кӯҳистон. Ба дарае ворид шуданд, ки миёни ҳазорон дараи дигар ноайён меистод. Ва духтарон тақсим шуданд ҳар яке ба печу хам ва камарҳои дара.

Лашкари Золимшоҳу писаронаш бошанд, дар ин миён қитъаҳои бештари мулки Одилшоҳро бо тасарруфи худ даровarда буданд, ба пойтахти вай наздиктар мешуданд. Баъд пойтахтро низ ба тасарруфи худ даровarда буданд.

Одилшоҳ бо лашкари каммондаи худ ҳанӯз тамоми зӯри боқимондаро истифода мебурд, то роҳи рақибони зулмпешаро бигиранд ва корҳоро ислоҳ сохта тавонанд.

Лек дар ҷанг ғолиб бештар ҷониби онҳое мешавад, ки бештар ҷаррор бошанд ва бештар бераҳмию куштор зоҳир намоянд. Ва лашкари Золимшоҳу писаронаш бошанд, дар ҷаррорӣ ва куштор ҳамто надоштанд ва пораҳои боқимондаи кишвари Одилшоҳро ба тасарруфи худ медаровarданд.

Ва духтарон инро шунида, аз дили ларзон мегузарониданд, ки «мо ризоем ба мурдан ва ҳар чизи дигар, вале ризо намешавем, ки бишавем зани писарони Золимшоҳ, бишавем ҳамхобаю ҳамхонаи золимбачагон. Ризо намешавем. Ризо намешавем...»

Золимшоҳу писаронаш бошанд, аз ҷумлаи онҳое набуданд, ки хоҳиши духтарон, ё хоҳиши нафари дигарро ба инобат бигиранд. «Мо ҳамеша хоҳиши худро кардаем. Бо кадом роҳе набошад кардаем. Ин бор ҳам мерасем ба муроди хештан!» мегуфтанд онҳо. Ва мегуфтанду мегуфтанд. Ва мекуштанду мекуштанд.



https://bikhon.tj/

Ва баъди шикаст додани лашкари каммондаю заифшудаи Одилшоҳ ҷониби кӯҳистоне рафтанӣ буданд, ки духтарон — он ҳафт ахтари дилкаши тобон — он ҷо панаҳ бурда буданд.

Ва духтарон дар кӯҳистони азамат мешуниданд, ки лашкари Золимшоҳу писаронаш ҳамлаи густардае анҷом дода, лашкари боқимондаи падари онҳоро зеру забар кардаанд ва баъди ин ҷониби кӯҳистон ҳаракат доранд. Барои он ҳаракат доранд, ки духтарони бе пушту паноҳ мондаро ба даст бигиранд.

Ва аз ин сӯзиши дилу дидаи духтарон гӯё беохир мешуд ва онҳо бештар обу адо мегаштанд.

Лашкарони Золимшоҳу писаронаш акнун кӯҳистони азаматро ба иҳота гирифта буданд ва ҳама роҳу пайроҳе, ки аз кӯҳистон баромадан мумкин бошад, баста буданд. Ва духтарон акнун наметавонистанд аз ин кӯҳистон бар ҷонибе бигрезанд ва раҳоӣ биёбанд.

Ва золимбачагон ҳам худро аллакай ғолиби мутлақ пиндошта буданд ва мегуфтанд:

— Ҳафт нозанин азони мо мешавад билохир! Ва мо мечашем дер ё зуд шаҳди висоли ононро. Мечашем дар кӯҳистоне, ки то ин рӯзҳо дахл доштанд ба худи Одилшоҳ ва духтарони вай.

Аммо духтарон, ки бештар обу адо буданд, ақидае доштанд:

— Мурдан авлотар аст нисбате, ки бишавем азони золимбачаҳо...

Лекин писарони худи Золимшоҳ ақидаи баракс доштанд:

— Ғалабаи волотарин он аст, ки бо шаҳди висол як ҷо бошад. Бо шаҳди висоли духтарони шоҳи собиқ!

Ва писарони Золимшоҳ ворид шуда буданд ба дараи пурпечи кӯҳистон, ки паноҳгоҳи охирини духтарон буда. Ва ба воситаи ҷосусон ва хосагони худ мехостанд аз печу хами он ҷо духтаронро дарёбанд.

Аммо ҳафт духтари Одилшоҳро пайдо карда наметавонистанд. Пайдо карда натавонистанд дар паноҳгоҳи охирини онҳо. Намеёфтанд аз печию хамӣ, аз зову обканда, аз паси сангҳову аз даруни ғорҳо ва



https://bikhon.tj/

миёни буттаву шохи дарахт. Намеёфтанд. Умуман, гӯё набуданд духтарон ҳаргиз ин ҷо. Магар кӯҳистони сангин фурӯ бурда духтаронро ва ё осмон ба комаш кашида онҳоро?

Золимбачагон намедонистанд, ки дар миёни дараву печу хамҳои он ягона чизе, ки дар собиқ набуду ҳоло пайдо шудааст, ҳафт чашмаи обаш зулол аст. Зулол ба сони ашки ҳафт духтар. Аммо писарони Золимшоҳ аз куҷо медонистанд, ки духтарони Шоҳи Одил обу адо шудаанд, чашмаи гирён шудаанд. Ва агар донанд, бовар намекарданд. Бовар намекарданд, ки инсон метавонад бишавад чашма.

Аммо чашмаҳои гирён буданд духтароне, ки обу адо шуда.

Чашмаҳои гирён буданд, то нашаванд азони бегонагон. Ва ин чашмаҳо ҳанӯз гиря мекарданд ба ёди падарашон, ба ёди ҷавонмардони қурбоншудаи диёр. Ва фузунтар мешуданд обҳо гирди ҳафт чашма.

Вале Золимшоҳу писаронаш ва ҷосусони онҳо бовар карда наметавонистанд, ки инсон шакл дигар карда тавонад. Аз ин боис аз паҳлӯи чашмаҳое, ки обашон кӯл мешуд, гузашта, духтаронро мекофтанд. Кофтуковро идома медоданд аз зову ғор ва аз бари шаху бораҳо.

Фақат духтарон набуданд, ки бар чанги онҳо биафтанд. Вале духтарон ба чашмаҳои ҳафтгона бадал ёфта буданд, чашмаҳое, ки оби дар гирдашон ҷамъшуда қатра-қатра ва зарра-зарра зиёд мешуданд.

Албатта, тамоми мулки Одилшоҳ ба тасарруфи золимбачагон афтода буданд, вале даме ки духтарон набуданд, ин ғалаба магар қадре дошт? Зеро ҷангу ҷидолҳо пеш аз ҳама муқаддам барои духтарон ва бар хотири висоли онҳо сурат гирифта буд. Аммо набуданд духтарон. Набуданд духтарону аз ин писарони Золимшоҳ бештар алағда ва дилшикаста мешуданд. Ва бештар ҳис мекарданд, ки ягон диёри тасаррруфшударо пурра азони худ пиндоштан мумкин набуд, гар бонувонашро ба тасарруф даровварда натавонӣ, гар бонувонаш дили худро во насозанд ба рӯят...



https://bikhon.tj/



https://bikhon.tj/

Дар мулке, ки дигар ҳафт нозанин набуда, ҳафт гулбун набуда, ҳафт дилнавозаш набуда, чизе намонда буд аз хушиҳо ва умедҳо барои золимбачагон. Ва онҳо ки инро бештар дарк мекарданд, медонистанд ин ҷо биистанд ва ё тарк бикунанд ин мулкро.

...Одилшоҳ бошад, яъне падари духтарон афтода буд дар набардгоҳи собиқа. Афтода буд зери куштагони бешуморе. Дар набардгоҳе, ки ҷондоре намонда буду умеди зиндашавӣ ва эҳё набуд, Одилшоҳ мехобид шабеҳи мурдагон. Мехобид ба хуни худ олуда.

Вале ноаён меҷунбид раги гулӯи Одилшоҳ. Меҷунбиду гувоҳ буд, ки ҷонаш набаромадааст ҳанӯз. Ҷонаш набаромадааст ҳарчанд захми корӣ хӯрдааст.

Шаби амсоли гӯристон зулмонӣ мефаромад болои набардгоҳ.

Одилшоҳ, ки чашмонаш нимво буданд, нахустин чизе, ки дарк намуд, ҳамин шаби тираи зулмонӣ буд. Баъд хира-хира бидид чизҳое, ки гӯё милт-милт доштанд. Ва ӯ басо дур ва басо дер фаҳмид, ки ин чизҳои дури боло ситорагони фалак бошанд. Ва миёни ситорагон тобиши махсусе доштанд ҳафт ситораи шафати ҳам. Ва онҳо ба ёди Одилшоҳ оварданд ҳафт духтари нозанини худашро. «Куҷо бошанд духтарони ман?» гузашт андешае аз дили ӯ. Гузашту ин андеша теғ барин дили захминашро чок кард.

Ва касе набуд, ки ҷавоб биёрад ба ин суоли падар.

Одилшоҳ ҳар зӯре, ки дошт, якҷоя намуда, зӯр зад, то аз зери ҷисми мурдагон берун бикашад ҷисми худро. Ва баъди муддатҳои зиёди зиёд бо душворӣ ҳам бошад, ин муяссараш гардид. Ва дар сапедии сабоҳ дурудароз нигарист ҷониби кӯҳистони азамате, ки аранг-аранг ба чашмаш менамуд. Кӯҳистоне, ки духтаронаш паноҳгоҳи охирин доштанд он ҷо. «Чӣ аҳвол дошта бошанд духтарон?» — ин суол Одилшоҳро ба ҳаракат оварда буд. Ва ӯ ба найзаи нимшиканаш такя намуда, қадам мезад сӯи кӯҳистони дури азамат. Бале, Одилшоҳ, ки ҳоли табоҳ ва тани захмхӯрда дошт ва бо азобҳои тоқатфарсо ба пеш мерафт, мурда наметавонист то аниқ накунад ҳама чизро то охир дар бораи духтаронаш.

Китобхонаи давлатии ... Ҷумҳурии То... и ба номи
М. ...
12344.
https://bikhon.tj/

Ва борҳо афтода, парчини замин мешуд ва дурудароз ноҷунбон мехобид ва ба назар мерасид, ки дигар намехезад. Вале ӯ мурда наметавонист, то ҳама чиро аниқ накунад дар бораи духтаронаш то охир.

Ба дараи кӯҳистон ворид шуда буд Одилшоҳ баъди талошҳои зиёди зиёд ва баъди соатҳои зиёд. Ба дараи пурпечи тулонӣ ворид шуда буд. Ба дарае, ки духтаронаш паноҳгоҳи охирине доштанд он ҷо. Ва ниҳоят расида буд ба паноҳгоҳи духтари нахустинаш. Духтаре, ки Мижгон ном дошт. Зеро ягон нозанини олам амсоли мижгонҳои вай мижгонҳои зебанда надошт. Ва аз ин боис бар вай Мижгон ном дода буд Одилшоҳ.

Падар ба асли воқеа расида буд. Фаҳмида буд, ки духтараш Мижгон обу адо шуда, чашма шуда, кӯл шуда. Фаҳмида буду дар ҳастиаш вулқоне ба таркиш меомад. Ниҳоят он берун зад, ба шакли навҳае берун зад, ки кӯҳистони азаматро ба ларза овард. Танҳо падарон чунин навҳаи вулқонӣ даркашанд дар талафи фарзандони худ.

Ва Одилшоҳ боз афтодаву беҳуш гашта буд ва муқаддам аз он, ки ба худ биёяд, вақти зиёде гузашта буд аз миён. Одилшоҳ мехост аниқ кунад, ки духтарони дигараш чӣ ҳол дошта бошанд? Ва оё зиндаву саломатанд?

Духтари дуюмашро ном Соя буд. Ва сояи рӯҳнавози кӯҳистон барин рӯҳнавоз буд он духтарак.

Вале дар паноҳгоҳи Соя ҳамчунин мелапид об. Мелапид дар сояи деворҳои сангини дара. Мелапид об.

Падар боз афтода буд беҳуш. Афтода буд баъди навҳаи дигаре.

Духтари сеюмашро Ҳушёр ном буд. Ва ҳушёрзамир буд он духтарак. Ва Ҳушёр ҳам бадал ёфта буд бар кӯли об.

Ва фарёди падар боз ларзонд кӯҳистонро.

Духтараш Нофинро низ дарёфта буд падар дар шакли мавҷи об.

Духтари хурдиаш Хурдак, ки хоҳарон дар мобайн пинҳонаш карда буданд, ҳамчунин бадал ёфта буд бар кӯли об.



https://bikhon.tj/



https://bikhon.tj/

Духтараш Марғузор, ки марғузор барин дилнавозу дилкаш буд, ҳамчунин ба кӯли ашк бадал ёфта буд.

Духтараш Ҳазорчашма, ки ҳазорон чашма барин саховату тароват дошт, ҳамчунин кӯли об шуда.

Чашмаи ашк шудаанд духтаронаш, кӯл шудаанд.

Кӯли ҳасрат шудаанд.

Кӯли исмат шудаанд.

Ҳафт кӯл шудаанд то нашаванд азони ҳафт золимбача.

Мижгон.

Соя.

Ҳушёр.

Нофин.

Хурдак.

Ҳазорчашма.

Марғузор...

Ҳафт чашма шуда ҳафт духтар, ки перомунашон ҳафт кӯл ба вуҷуд омада. Ҳафт кӯли исмат. Ҳафт кӯли ҳасрат.

Падар дар соҳили оби кӯлшудаи ҳафтум мурда барин афтода буд. Ва мурда барин мехобид. Ва шояд мурда ҳам буд.

...Вале куҷост падаре, ки бовар кунад ба марги фарзандош. Бавар кунад то ба охир. Хоса бовар кунад ба марги ҳафт духтараш якбора: «Шояд духтаронам муқаддам аз он, ки болотар бираванд рӯй шустаанд дар ҳафт кӯли навпайдо. Шояд барои ҳамин таровату атри ҳафт духтар монда дар оби ҳафт кӯл?» — чунин андешаҳо мегузашт аз дили падар ва чунин умедҳо буданд он ҷо. «Шояд рӯй шустаанду худ болотар рафтаанд ва дар болотар дар ҷое паноҳ бурдаанд...» Аз ин рӯ, мехост ҷисмашро болотар кашад падар. Болотар, ки духтаронашро биёбад он ҷо. Биёбад зинда ва бар шакли қадима. Зинда ва бар шакли қадима.

Ва ин умеду орзуҳои ночизаку охирин, ки дар дили падар намурда буд. Одилшоҳ низ ҳанӯз зинда буд. Ва ҳамин чиз мекашид ҷисми



https://bikhon.tj/

вайро ба пеш. Ва падар ханҷолкаш пеш мерафт. Зеро дигар мадори қоматашро рост гирифтан надошт. Ва асои худро, ки аз найзаи нимшикан иборат буд, кайҳо дар куҷое гум карда буд. Ва ханҷолкаш пеш мерафт ӯ. Оҷизона мерафт. Ваҷаб бар ваҷаб мерафт пеш, чунон ки раванд мӯрчагон...

Ва намедонист, ки аз миён чи соатҳо гузашта. Ва намедонист, ки пиряхҳои баландкӯҳ шурӯъ шуда. Ва пеш мерафт, ваҷаб ба ваҷаб, ваҷаб ба ваҷаб, рӯи пиряхҳои лағжон. Ва аз паси вай мемонд ҷо-ҷое доғҳои хун рӯи пиряхҳо. Зеро тани ӯро теғаи яхчаҳо ва теғаи шахҳо мехарошиданд ва мебуриданд.

Вале падар дарди сахттаре дошт, ки ба духтаронаш вобаста буду ҳанӯз пеш мерафт. Пеш мерафту ҳанӯз намеёфт духтаронашро. Вале ҳанӯз пеш мерафт. Ба гумоне пеш мерафт, ки духтаронаш болотар ва дуртар рафтаанд, он ҷо панаҳ шудаанд, ки бар чашми рақибон наафтанд ва асираи онҳо нашаванд. Вале намеёфт духтаронашро ва умедҳо мемурданд дар ниҳоди ӯ. Мемурданд зарра-зарра, зарра-зарра. Умедҳои охирин мемурданду дигар ваҷаб ба ваҷаб пеш рафтанаш душвор мегашт. Балки номумкин мегашт, тамоман номумкин...

Ҳаво тиратар мешуд ва он на танҳо аз таъсири шом буд. Ҳаворо боз абрҳои тира мегирифт. Ва осмон ба гиря омада буд. Гӯё акнун гиря мекард ба ҳоли падари зор. Падаре, ки аз даст дода буд якбора ҳафт фарзанди худро, ҳафт духтари хешро. Ва шаб ҳам гӯё бар азои ин падари бадбахт ҷомаи сиёҳ ба бар дошт. О́смон ҳам тани Одилшоҳ барин тамоман сард мешуд. Одилшоҳе, ки мурда буд.

Ва чун рӯзи дигар расид, борони сарди осмон ба барф бадал ёфт ва пардаи барф ҳамчу кафане тани падари захмин ва дилчокро мепӯшонд...

Ва нӯҳ моҳ идома ёфт барфрез ва қаҳратуни кӯҳистон. Ва нӯҳ моҳи дигар ҷисми Одилшоҳро ҷонзоде ва касе надид. Одилшоҳе, ки ҷисмаш зери кафани барфҳо хобида буд.



https://bikhon.tj/

Баъди нӯҳ моҳ фақат анвори тасфидаи офтоби тобистон имкон ёфт, ки болои пиряххҳои азаматро тунук намояд. Яху барфи он ҷое, ки дар собиқ мехобид падари дилчок ва захмин. Вале дар ҷое, ки Одилшоҳ мурдаву карахт шуда буд, ба назар намерасид вай. Ва он ҷо падид омада буд об. Яқинтараш кӯли навине арзи ҳастӣ намуда буд. Пас падар ҳам амсоли духтаронаш обу адо шуда буд, кӯли навин шуда буд. Ва шумораи кӯлҳо акнун расида буд бар ҳашт...

Ва аз миён солҳои зиёд гузашту кӯли нӯҳум низ арзи ҳастӣ намуд. Вай низ дар кафи пиряххҳои ҳазорсола арзи ҳастӣ намуда буд.

Бархе мегуфтанд, ки кӯли нӯҳум дили обшудаи миллати тоҷик аст, ки бегонагон марзҳои зиёдашро тасарруф кардаанд, чунон ки лашкари Золимшоҳу писаронаш мулки Одилшоҳро тасарруф карда. Мегуфтанд, ки кӯли нӯҳум дили обшудаи миллати тоҷик аст, ки бегонагон ҷавононашро куштаанд, чунон ки лашкари Золимшоҳу писаронаш кушта буданд ҷавонони мулки Одилшоҳро. Мегуфтанд: кӯли нӯҳум дили обшудаи миллати тоҷик аст, ки духтаронаш дар ғами бузургонаш ва дар ғами ҷавононаш обу адо шудаанд, чунон ки ҳафт духтари Одилшоҳ обу адо шуда будаанд...

Ва нӯҳ кӯл истодааст ҳоло пасту боло дар дили кӯҳистони тоҷик. Нӯҳ кӯл истодааст дар як дараи пурмуаммо. Ва кадом дараи дигарест дар олам, ки якбора нӯҳ кӯл дошта бошад...

Нӯҳ кӯли ҳасрат. Нӯҳ кӯли исмат...

https://bikhon.tj/



https://bikhon.tj/

*Барои бачаҳои синни хурди мактабӣ*

**Абдурофеъ Рабеъзода**

# ҲАФТКӮЛ

Муҳаррири ороиш *А.Муҳаммадиев*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Ш.Сангимуродов*

Ба матбаа 11.02.2000 супурда шуд. Чопаш 28.05.2003 ба имзо расид.
Когази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x90 1/8. Ҷузъи чопии шартӣ 2,06.
Ҷузъи рангаи шартӣ 2,24. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 1,08.
Адади нашр 500 нусха. Супориши № 1406.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

ҶСШК «Матбуот»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

https://bikhon.tj/

https://bikhon.tj/